**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-O17-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба ҳимояи диссертатсияи Собирзода Шодмон Сулаймонжон дар мавзӯи «Таъминоти институтсионали ва инфрасохтории идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши комплекси агросаноатӣ (назария, методология ва амалия)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод шудааст.**

«18» 07 с.2025 ш. Душанбе

1. Кори диссертатсионии Собирзода Шодмон Сулаймонжон дар мавзуи «Таъминоти иниститутсионалӣ ва инфрасохтории идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши комплекси агросаноатӣ (назария, методология ва амалия)» таҳқиқоти шахсии докторант ба шумор меравад. Қоидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, ки барои пешрафти илми иқтисод метавонад мусоидат намоянд, ба муаллифи диссертатсия тааллуқ доранд. Татбиқи пешниҳодҳо ва тавсияҳои дар кор таҳияшуда, ки ба идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дахл доранд, ба рушди иқтисоди миллӣ ва ҳамкориҳои байналмилалии кишвар мусоидат мекунад. Тавсияҳои дар диссертатсия зикргардидаро метавонанд дар таъминоти иниститутсионалӣ ва инфрасохторӣ дар раванди идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои оянда, инчунин консепсияҳо ва барномаҳои ҷалби сармоягузорӣ, истифода намоянд.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31,32 ва 33- и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳои вобаста ба идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад.

Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот ба Шиносномаи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи 2022 № 17/ш.д ҳуқуқи барои

ҳимояи диссертатсияи доктории Собирзода Шодмон Сулаймонжон дода шудааст, мувофиқат мекунад.

3. Натиҷаҳо ва нуктаҳои асосии таҳқиқот дар маҷаллаҳои гуногуни илмӣ нашр гардида, аз ҷониби муаллиф 38 маводи илмӣ, аз ҷумла, 20 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35- и Тартиби додани дараҷаи илмӣ мувофиқ мебошад.

4. Дар таҳқиқоти диссертатсионии илмии Собирзода Шодмон Сулаймонжон истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

5. Дар диссертатсияи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Собирзода Шодмон Сулаймонжон маълумотҳои ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла, дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида мавҷуд намебошад.

Комиссияи ташхис мутобиқи бандҳои 60,61 ва 62-и Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пешниҳод менамояд:

Диссертатсияи Собирзода Шодмон Сулаймонжон дар мавзӯи «Таъминоти институтсионали ва инфрасохтории идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши комплекси агросаноатӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

Бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ муқарризони расмӣ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, шахсони зерин таъин карда шаванд:

**Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи назарияи иқтисоди ва иқтисодиёти ҷаҳонӣ Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон;

**Самандарзода Искандар Ҳусейн -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур;

**Содиқов Меҳтархон Соқибекович -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, кафедраи иқтисоди ҷаҳонӣ Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъин

карда шавад.

5. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи ошкоро ва ҷойгир намудани матни автореферат ва диссертатсия дар сомонаи Институт ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис 100 нусха иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ **Шарифзода Б.М.**

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, порфессор,
узви вобастаи АМИТ
аъзои шурои диссертатсионӣ **Саидмуродзода Л.Ҳ.**

доктори илмҳои иқтисодӣ,
аъзои шурои диссертатсионӣ **Бобозода К.О.**

*Имзоҳои С. Шарифзода Б.М., Саидмуродзода Л.Ҳ. ва Бобозода К.О.-ро тасдиқ мекунам:*

ШУЪБАИ КАДРҲО / ОТДЕЛ КАДРОВ

Инспектори калони кадрҳои
ИИД АМИТ, н.и.и. **Аюбӣ Ф.**